Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015 дар назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, ш. Душанбе, хиёбони академикон Раҷабовҳо, 10)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзӯи: "Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

**1. Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот.**

Дар шароити рушди босуръати саноат дар Тоҷикистон ташкили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ тақозои иқтисодиёти кушоди бозории мамлакат мебошад. Таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки дар баҳодиҳии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ бозори фурӯш нақши муҳим дорад.

Бинобар ин дар давраи иқтисодиёти бозорӣ ба масъалаи баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ мақомотҳои дахлдори мамлакат диққати калон медҳанд. Вобаста ба талаботҳои иқтисодиёти бозорӣ идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври қатъӣ тағйир ёфта, донишу малакаи пешбурдани фаъолияти хоҷагидориро дар шароити рақобати дохиливу берунӣ тақозо менамояд.

Таҳқиқи ҳолати идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди устувори саноати сабук дар заминаи баландбардории афзалиятҳои рақобатии маҳсулоти он имконпазир мебошад. Дар айни замон рушди устувори рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук аз сатҳи идоракунии он вобастагии калон дорад. Бинобар ин корхонаҳои саноати сабукро зарур аст, ки шаклҳо ва методҳои муосири идоракунии рақобатпазирии маҳсулотро истифода намоянд. Барои ҳаллӣ ин масъала як қатор чораҳо андешида шуда истодаанд, лекин боз баъзе коркардҳои заминаҳои илмӣ-методологии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук зарур мебошанд. Мавзӯи интихобшудаи кори диссертатсионӣ ба таҳқиқи ҳамин масъала бахшида шудааст, ки муҳимияти корро нишон медиҳад.

**2. Дараҷаи омӯхташавии мавзӯи таҳқиқот** ба таҳқиқи асосҳои назариявии табиати идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар корҳои зиёди олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ба дуруст истифода кардани методҳои муқоиса, методҳои оморию иқтисодӣ, методҳои ҷадвалсозӣ ва графиксозӣ, таҳлили системавӣ, гурӯҳбандӣ, методи абстрактивию мантиқӣ, усули таҷрибавӣ ва ғ. асос ёфтааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз таҳияи заминаи назариявӣ-методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ иборат мебошад, ки барои такмили ҷараёни идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук мусоидат менамоянд. Натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дорои хусусиятҳои навгонӣ мебошанд, инҳоянд:

– дар асоси банизомдарорӣ ва таҳқиқи назарияи классикӣ, неоклассикӣ ва муосир назарияи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ инкишоф ва такмил дода шуда, таркибдиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулот ошкор гардида, заминаҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхона асоснок карда шуданд;

- методология ва принсипҳои такмилёфтаи идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхона пешниҳод карда шудаанд, ки гурӯҳбандии намудҳои идоракунӣ ва пешниҳоди принсипҳои нави ташкили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук дар бар мегиранд;

– омилҳо ва нишондиҳандаҳои ба сатҳи рақобатпазирии маҳсулот таъсиррасон мушаххас карда шуда, нақши марказӣ доштани омили инсонӣ ва дигар омилҳои калидии таъмини рақобатпазирӣ гуруҳбандӣ ва маънидод шудаанд;

– омилҳои таъмини иқтидори рақобатӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таҳлилу баҳогузорӣ шуда, муҳимтарини онҳо ошкор гардиданд, ки фарогири чорабиниҳои вобаста ба ҳифзи истеҳсолоти ватанӣ аз таъсири омилҳои манфӣ, зиёд намудани афзалиятҳои рақобатии маҳсулот, омӯзиши рафтори истеъмолкунандагони мушаххас, фоиданокию нархи маҳсулот, хусусиятҳои инноватсионӣ доштани маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ, танзими давлатии соҳа, тамоюли мусбии омилҳои иқтисодӣ, технологӣ ва неруи устувори кадрӣ мебошад;

– имкониятҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ муайян карда шуда, дар ин замина тавсия шудааст, ки ба баландбардории сифати маҳсулот, сабукиҳои андозӣ, истифодаи васеи инноватсия, диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассуснокии захираҳои меҳнатии соҳа, афзоиши ҳосилнокии меҳнат, рушди инфрасохтори иқтисодӣ, ҷорӣ намудани истеҳсолоти сарфакорона дар корхонаҳои соҳа, истифодаи васеи маркетинги рақамӣ, ба роҳ мондани фаъолияти субъектҳои саноати сабук дар намуди корхонаҳои хурду миёна ва амалкарди низоми мукаммали идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад;

– самтҳои афзалиятноки тақвияти фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати сабук муайян карда шуда, ҷиҳати истифодаи васеи роҳу усулҳои инноватсионӣ дар ҳама самтҳои фаъолияти онҳо, ки барои зиёд намудани афзалиятҳои рақобатӣ ва таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук мусоидат менамояд, тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

**4. Сохтор ва мундариҷаи диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки фарогирии 141 номгӯй мебошад, иборат аст. Дар кори диссертатсионӣ 17 ҷадвал, 18 расм мавҷуд буда, дар ҳаҷми 190 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод гардидааст.

**Дар муқаддима** муҳимияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст.

Дар боби якуми кори диссертатсионӣ **«Асосҳои назариявию методологии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ»** (с. 15-62) назария ва равишҳои таҳқиқи рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ, методологияи идоракуни рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук, ҳамчунин омилҳо ва нишондиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук таҳқиқ карда шудааст.

Дар кор оид ба ҷанбаҳои назариявии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро таҳлил намуда, ақидаи муаллифиро дар бораи такмили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук пешниҳод намудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки маҳсулоти рақобатпазири саноати сабук яке аз омили калидии ташаккули иқтидори иқтисодии давлат ва пояи асосии рушди бемайлони он ба ҳисоб меравад.

Дар кори диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук метавонад соҳаи маркази таъмини рақобатпазирии саноати миллӣ бошад. Бинобар ин дар амалия рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук унсури асосии механизми бозор дониста шуда, ҳамчун шакли муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва амали мутақобилаи субъектҳои иқтисодӣ дар ҷараёни истеҳсолот, пешниҳоди меҳнат, сармоя ва хариду фурӯши маҳсулот низ баромад менамояд.

Муаллиф нишон медиҳад, ки нақши асосиро дар таъмини рақобатпазирии ҳама сатҳҳо рақобатпазирии маҳсулот мебозад. Аз ин рӯй, нишондиҳандаи рақобапазирии маҳсулоти саноати сабук барои таҳқиқ ва

баҳодиҳии дигар сатҳҳои рақобатпазирӣ низ мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад. Аз таҳлил ва омӯзиши нуқтаи назари олимон-иктисодчиён перомуни фаҳмиши рақобатпазирии маҳсулот маълум гардид, ки муаллифон роҳҳои гуногунро оид ба фаҳмиши рақобатпазирии маҳсулот пешниҳод кардаанд, аз ҷумла: а) аз мавқеи муқоисакунӣ бо маҳсулоти рақобаткунанда; б) аз мавқеи қаноатмандии талабот; в) аз мавқеи таъсири омилҳои муҳити берунӣ.

Дар кори диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки оид ба фаҳмиши идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ нуқтаи назари иқтисодчиён гуногун аст ва онҳо баландбардории сатҳи онро гуногун шарҳ додаанд. Рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ аз маҷмӯи омилҳо ва нишондиҳандаҳо, ки дар шакли иқтисодию сифатӣ, дохилию берунӣ, субъективию объективӣ ва дигар намудҳо мавҷуданд ва ба тамоюли рақобатпазирӣ таъсири худро мерасонанд. Рақобатпазирии маҳсулот ҳамчун объекти идоракунӣ талаб мекунад, ки истифодаи методҳо ва механизмҳои мукаммали идоракунии баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулот таъмин карда шаванд.

Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ **«Таҳлили ҳолати муосир ва низоми идоракунии рақобапатзирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (с. 63-120) вазъи муосир ва иқтидори рушди корхонаҳои саноати сабук, сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук, ҳамчунин омилҳои дохилӣ ва берунии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таҳлил ва баҳогузорӣ шудаанд.

Дар кори диссератсионӣ исбот шудааст, ки таҳаввулоти назария ва методологияи рақобат, бартарияти рақобатӣ, рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ ва механизми идоракунии он падидаи мураккаб буда, таҳти таъсири омилҳои гуногун ташаккул меёбад. Дар шароити ҳозира сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук аз омилҳои идоракунӣ, аз ҷумла стратегияи идоракунии рақобатпазирии маҳсулот, рақобатпазирии системаи менеҷмент, идоракунии сифати маҳсулот вобастагии зиёд дорад. Дар амалия ба сатҳи идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук нишондиҳандаҳо ва омилҳои муайян таъсири мусбӣ ва манфӣ мерасонанд. Аз ин рӯй, корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки механизми идоракуниро пурзӯр намуда, барои баландбардории сатҳи идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук корҳои заруриро амалӣ намоянд. Дар кори диссертатсионӣ омилҳои рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук гурӯҳбандӣ шуда, сатҳи таъсири онҳо ба рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳо муайян карда шудааст.

Диссертант дар кор таъкид мекунад, ки саноати сабук яке аз соҳаҳои асосии таъминкунандаи шуғли аҳолӣ ва қонеъкунандаи талаботи ҷомеа ба

маҳсулоти ниёзи аввалия мебошад. Аммо новобаста аз натиҷаҳои мусбат ин соҳаи саноат то ҳадди зарурӣ барои қонеъ намудани нишондиҳандаҳои зикршуда иқтидори пурраи худро истифода намекунад. Саноати сабук бояд талаботи бозори дохилиро қонеъ сохта, барои содирот маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол намояд. Инчунин ҳамчун соҳаи меҳнатталаб дар таъсиси ҷойҳои кории нав ва таъмини шуғли аҳолӣ саҳми калон дошта бошад. Вале ҳозир новобаста аз сол то сол афзоиш ёфтани ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук то ҳол истеҳсолоти ватании маҳсулоти соҳа дар бозорҳои дохилию берунӣ рақобатпазир нест.

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф асоснок менамояд, ки вазъи ҷории корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ ва пардохтпазирии маҳсулоти онҳоро ҳиссаи молу маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар сохтори молии гардиши моли чакана муайян мекунад. Ин нишондиҳанда зарурат ва талаботи истеъмолкунандагони ниҳоиро ба маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук нишон дода, муайян менамояд, ки дар сохтори молии гардиши моли чакана ҳиссаи маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук чи қадар аст. Ҳозир маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар сохтори молии гардиши моли чакана ҳиссаи муайянеро ишғол менамояд. Вале ин ҳисса сол то сол майли камшавӣ дошта, аз 15,08 % дар соли 2015 ба 14,36 % дар соли 2020 расидааст. Диссертант таъкид мекунад, ки бо мақсади зиёд намудани ҳиссаи маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар сохтори молии гардиши моли чакана ва дар ин замина таъмини рақобатпазирии онҳо рушди соҳа аз тариқи ҷалби сармоягузорӣ, бунёди корхонаҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот, такмили ихтисоси кадрҳо, баланд бардоштани сифат ва фоиданокии молу маҳсулот зарур аст.

Муаллиф дар кори диссертатсионӣ исбот кардааст, ки дар шароити рақобати шадиди иқтисодиёти бозорӣ баҳодиҳии рақобатпазирии маҳсулот яке аз масъалаҳои муҳими муайян намудани мавқеи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дониста мешавад. Ба сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук як қатор омилҳо таъсир мерасонанд. Бинобар ин баҳодиҳии рақобатпазирии он истифодаи як қатор нишондиҳандаҳоро талаб менамояд. Вобаста ба ин дар ин қисмати диссертатсия идоракунии рақобатпазирии маҳсулулоти корхонаҳои саноати сабуки мамлакат бо истифодаи нишондиҳандаҳои ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои алоҳида дар маҷмӯи маҳсулоти соҳа, ҳиссаи корхонаҳо дар ҳаҷми содироти маҳсулот, арзиши асосии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва дигар нишондиҳандаҳо муайян ва баҳогузорӣ карда шудааст.

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ **«Самтҳои асосии такмили низоми идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (с. 121-180) истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар таъмини

рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук, захира ва имкониятҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук ва истифодаи усулҳои инноватсионии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук аз нигоҳи илмӣ асоснок ва пешниҳод карда шуданд.

Дар кори диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ як қатор тавсияҳо вобаста ба шароити Тоҷикистон коркард шудаанд. Истифодаи амалии онҳо вобаста ба шароити мамлакат имконият медиҳад, ки дар самти баланд бардоштани сифати маҳсулот, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар натиҷаи бунёди муҳити созгори корӣ, идоракунии баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар натиҷаи диверсификатсияи истеҳсолоти саноати сабук ва ба содирот нигаронидани маҳсулоти истеҳсолшавандаи саноати сабук натиҷаҳои муайяни дилхоҳро соҳиб шудан мумкин аст.

Дар диссертатсия идоракунии истифодаи захираҳо ва имкониятҳои баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ нишон дода шудааст. Ба ин гурӯҳ истифодаи васеи техникаю технологияи инноватсионӣ; дастрасии корхонаҳои саноати сабук ба захираҳои қарзии низоми бонкӣ, сиёсати мусоиди андозӣ, набудани монеаҳо дар пешбурди бизнеси корхонаҳои соҳа, дастгирии давлатии соҳа, аз ҷумла пешниҳоди имтиёзҳои қарзӣ ва андозӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон ва маҳдуд будани амалҳои коррупсионӣ дохил шуда метавонанд.

Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, махсусан имкониятҳои маркетинги рақамӣ имконият медиҳад, ки мувофиқан ба таваҷҷуҳи муштариён пешниҳод намудани маҳсулоти сифатноки корхонаҳои саноати сабук бо баландбардории рақобатпазириии он таъмин карда шавад. Инчунин вобаста ба ҳолати маркетинги рақамӣ сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабукро пешниҳод кардан дар сомонаи корхонаҳои саноати сабук ва нишон додани фаъолияти корхонаҳоро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таъсири калон мерасонанд.

Диссертант дар кор пешниҳод мекунад, ки самти дигари таъмини идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки мамлакат навкунии воситаҳо ва техникаҳои соҳа мебошад. Дар шароити вобастагии бозори корхонаҳои саноати ватанӣ аз воридоти техникию технологияи беруна муаллиф барои навкунии воситаҳо ва технологияҳо андешидани чораҳои муайяни коркарди худиро тавсия мекунад.

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф самти муҳими таъмини идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватаниро ба рушди фаъолияти инноватсионии соҳаи мазкур вобаста медонад. Дар ин асос коркарди чораҳо барои баландбардории рақобатпазирии сифати маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ зарур аст. Барои ҳалли самараноки ин масъала муаллиф дарёфти имкониятҳои рушди инноватсияи технологӣ ва ислоҳоти институтсионалӣ, ташкили хоҷагидории соҳаро муҳим мешуморад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда дар кор ба диссертант имкон додааст, ки хулосаву пешниҳодҳои муайянро оиди баландбардории сатҳи идоракунии

рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намояд.

**5. Асоснокӣ ва боварибахш будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.**

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо саҳеҳии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводҳои таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва сарчашмаҳо исбот карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

Заминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмии фундаменталӣ ва амалии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаи баландбардории сатҳи идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук ташкил менамоянд. Ба сифати сарчашмаи маълумотӣ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашрияҳои матбуоти даврӣ, монографияҳо, маводи конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ роҷеъ ба масъалаҳои рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук, захираҳои иттилоотии Интернет, матолиби конфронсҳои илмӣ ва илмию амалии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва коркарду ҳисобҳои худи муаллиф истифода шудаанд.

Дар баробари бартариҳои номбаршуда ба назари мо дар диссертатсияи илмии тақризшаванда баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд.

1. Дар таҳқиқи кори диссертатсионӣ аз асарҳои олимони ватанӣ оид ба идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук кам истифода шудааст.

2. Кори диссертатсионӣ хеле бой мегашт, агар муаллиф оид ба масъалаи назариявӣ ва методологии мавзӯъ васеътар истода мегузашт ва таҳлили хусусиятҳои идоракунии марҳилаҳои рушди рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабукро дар иқтисодиёти бозории Тоҷикистон нишон медод.

3. Ҳангоми таҳқиқи идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук масъалаҳои зоҳиршавии рақобатпазирии маҳсулоти соҳа дар бозори рақобати ғайринархӣ ва бозори рақобати нархӣ нокифоя нишон дода шудаанд.

4. Ба ақидаи мо, агар муаллиф ба масъалаи такмилдиҳии механизмҳои иқтисодии баландбардории тахассуснокии касбии кормандони саноати сабук ва аз ин ҳисоб таъмин кардани самаранокии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти соҳаро дар бозор нишон медоданд, қимати илмии таҳқикоти анҷомдодашуда боз ҳам хубтар мегардид.

5. Бисёр хуб мешуд, агар дар кор нақши шарикии давлатӣ-хусусӣ дар баландбардории самаранокии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук махсус нишон дода мешуд.

Вале ин камбудиҳои зикршуда аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

Автореферат ва корҳои нашр кардаи муаллиф мазмуни диссертатсияи илмиро пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзӯи: "Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)" кори илмии мустақилона ба анҷом расонидаи муаллиф аст, ки дастовардҳои баланди илмӣ ва амалиро соҳиб гаштааст. Кори диссертатсионӣ ба талаботи муқарраркардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияҳои номзадӣ бо пуррагӣ ҷавобгӯй аст ва муаллифи он Давлатова Розиямо Қамбаровна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ**
**ва байналмилалии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ**

**Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Н.Қарабоев, 63/3.**
**Телефон: 234-09-07, E-mail: eco_institute@mail.ru**

**Имзои А. Рауфиро тасдиқ мекунам:**
**Мудири ШК ва КМ Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Н.А.Бухориев**

**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015 дар назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ** *(нишонӣ: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони академикон Раҷабовҳо, 10)*

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷабборов Фатҳулло Амриевич ба диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзӯи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод карда шудааст.**

**1. Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот**

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо мақсади ноилгардӣ ба ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат, таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами иқтисодиёти мамлакат маҳсуб меёбад.

Фароҳамсозии низоми самарабахши идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ яке аз омилҳои муҳим ва калидии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб рафта, дар мавриди хеш, охирин баҳри таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии давлат, инчунин таъмини ҳаёти созгор ва осоиштаи ҳар як сокини мамлакат имконоти зарурира фароҳам месозад.

Мавриди зикр аст, ки ноилгардӣ ба ҳадафи мазкур дар заминаи татбиқи технологияҳои инноватсионӣ вапешқадами ҷаҳонӣ, мутобиқсозӣ ба стандартҳои мавҷуда, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ ва фароҳам сохтани фазои мусоиди сармоягузорӣ ба корхонаҳои саноатӣ имконпазир хоҳад буд.

Дар баробари мубрамии масоили болозикр дар марҳилаи муосири инкишофи соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули низоми самараноки идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ, инчунин муайянсозии самтҳои афзалиятноки идоракунӣ ва таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ самти хеле муҳими ноилгардӣ ба ҳадафҳои миллӣ арзёбӣ мегардад, ки аз муҳиммият мавзуи

таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Бо дарназардошти таҳқиқи амиқу ҳамаҷонибаи масоили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ аз ҷониби муҳаққиқону олимони ватаниву хориҷӣ, ҷанбаҳои баҳсталаб ва дар баъзе ҳолатҳо мухолифат дар равишҳои идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноати сабук ҷой доранд.

Аз ин лиҳоз, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзӯи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)» масъалаи илмӣ-амалии хеле мубрами иқтисодиёти мамлакат мебошад.

**2. Сатҳи асоснокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо**

Асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, дар натиҷаи таҳлили шумораи зиёди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълифоти олимону муҳаққиқон доир ба масоили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ, татбиқи усулҳои муосири ҷамъкунӣ ва коркарди иттилоот, инчунин истифодаи васеи маълумоти оморӣ ва усулҳои муосири таҳлил ва синтез ба даст оварда шудаанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионии Давлатова Розиямо Қамбаровна бо натиҷаҳо ва навгониҳои илмии мустақилона ба даст овардашуда, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ гардидаанд.

Тадқиқоти мазкур ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – "Иқтисодиёти саноат ва энергетика": 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии арзёбӣ ва баландбардории самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 6. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ. Рақобатпазирии маҳсулот, корхона ва соҳаҳои саноат ва энергетика; 29. Асосҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва инкишофи истеҳсолоти саноатии

воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда мутобиқат менамояд.

**3. Эътиборнокии натиҷаҳои таҳқиқот ва навгониҳои илмии диссертатсия**

Асосҳои назариявӣ-методологии диссертатсияро тадқиқоти бунёдӣ ва амалии олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук ташкил менамоянд. Дар баробари ин, таҳқиқоти диссертатсионӣ ва монографӣ, санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро дар самти таъмин ва идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ ба танзим медароранд ва сарчашмаҳои дигари ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ алоқаманд истифода шудаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор гирифтанд: муқоиса, усулҳои оморию иқтисодӣ, методҳои ҷадвалсозӣ ва графиксозӣ, таҳлили системавӣ, гурӯҳбандӣ, методи абстрактивию мантиқӣ, усули таҷрибавӣ ва ғ. Истифодаи усулҳои болозикр ба эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва таъмини дурустии онҳо, ҳамчунин татбиқи тавсияҳои пешниҳодгардида ҷиҳати мукаммалгардонии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ имкон фароҳам меорад.

Маъхази иттилоотии диссертатсия аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашрияҳои матбуоти даврӣ, монографияҳо, маводи конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ роҷеъ ба масъалаҳои рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук, захираҳои иттилоотии Интернет, матолиби конфронсҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва коркарду ҳисобҳои худи муаллиф иборат мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳияи заминаи назариявӣ-методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ иборат мебошад, ки барои такмили ҷараёни идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои илмии нисбатан муҳимме, ки муаллифи диссертатсия мустақиман ба даст овардааст, инҳо мебошанд:

–дар асоси банизомдарорӣ ва таҳқиқи назарияи классикӣ, неоклассикӣ ва муосир назарияи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ инкишоф ва такмил дода шуда, таркибдиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулот ошкор гардида, заминаҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхона асоснок карда шуданд;

–методология ва принсипҳои такмилёфтаи идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхона пешниҳод карда шудаанд, ки гурӯҳбандии намудҳои идоракунӣ ва пешниҳоди принсипҳои нави ташкили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук дар бар мегиранд;

–омилҳо ва нишондиҳандаҳои ба сатҳи рақобатпазирии маҳсулот таъсиррасон мушаххас карда шуда, нақши марказӣ доштани омили инсонӣ ва дигар омилҳои калидии таъмини рақобатпазирӣ гуруҳбандӣ ва маънидод шудаанд;

–омилҳои таъмини иқтидори рақобатӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таҳлилу баҳогузорӣ шуда, муҳимтарини онҳо ошкор гардиданд, ки фарогири чорабиниҳои вобаста ба ҳифзи истеҳсолоти ватанӣ аз таъсири омилҳои манфӣ, зиёд намудани афзалиятҳои рақобатии маҳсулот, омӯзиши рафтори истеъмолкунандагони мушаххас, фоиданокию нархи маҳсулот, хусусиятҳои инноватсионӣ доштани маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ, танзими давлатии соҳа, тамоюли мусбии омилҳои иқтисодӣ, технологӣ ва неруи устувори кадрӣ мебошад;

–имкониятҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ муайян карда шуда, дар ин замина тавсия шудааст, ки ба баландбардории сифати маҳсулот, сабукиҳои андозӣ, истифодаи васеи инноватсия, диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассуснокии захираҳои меҳнатии соҳа, афзоиши ҳосилнокии меҳнат, рушди инфрасохтори иқтисодӣ, ҷорӣ намудани истеҳсолоти сарфакорона дар корхонаҳои соҳа, истифодаи васеи маркетинги рақамӣ, ба роҳ мондани фаъолияти субъектҳои саноати сабук дар намуди корхонаҳои хурду миёна ва амалкарди низоми мукаммали идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад;

–самтҳои афзалиятноки тақвияти фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати сабук муайян карда шуда, ҷиҳати истифодаи васеи роҳу усулҳои инноватсионӣ дар ҳама самтҳои фаъолияти онҳо, ки барои зиёд намудани афзалиятҳои рақобатӣ ва таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук мусоидат менамояд, тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

**4. Мундариҷаи кор. Ҷанбаҳои мусбӣ ва норасоиҳо**

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаҳо ва пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодагардида, ки фарогирии 141 номгӯй мебошад, иборат аст. Диссертатсия аз 17 ҷадвал ва 18 расм иборат буда, дар маҷмӯъ 190 саҳифаро ташкил менамояд.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ собит карда шуда, дараҷаи коркардшавии он арзёбӣ гардидааст. Мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзияи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён гардидаанд (саҳ. 3-14).

**Дар боби якум “Асосҳои назариявию методологии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ”** асосҳои назариявӣ ва равишҳои таҳқиқи рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ, методология ва принсипҳои идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук, инчунин омилҳо ва нишондиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук баррасӣ шудаанд (саҳ. 15-62).

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф қайд менамояд, ки мақсади идоракунии рақобатпазирии маҳсулот ин таъмини фаъолияти устувори корхонаҳо дар шароити тағйироти муносибатҳои муайян мебошад. Мушкилоти таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ, новобаста аз модели хоҷагидорӣ, яке аз масъалаҳои ҳалталаб ба ҳисоб меравад, ки дар ин ҷараён нишондиҳандаи сифат нақши калидӣ дорад. Хусусан дар шароити мусоир давлат дар рушди рақобатпазирии истеҳсолот нақши муайянкунандаро мебозад, зеро як қатор вазифаҳое вуҷуд доранд, ки бозор дар танҳоӣ наметавонад онҳоро иҷро намояд (с. 16).

Муаллиф зимни таҳқиқот ибрози андеша менамояд, ки хусусияти фарқкунандаи муайянкунии рақобатпазирии маҳсулот аз мавқеи таъсири

омилҳои муҳити берунӣ ин бозори муайян, вақти муайян ва муқоисакунӣ мебошад. Ҳамзамон, муаллиф чунин мепиндорад, ки норасоии роҳи муайянкунии рақобатпазирии маҳсулот аз мавқеи таъсири омилҳои муҳити берунӣ аз он иборат аст ва хусусиятҳои дохилии маҳсулот, ки ба рақобатпазирии он таъсир мерасонанд, баҳо дода намешаванд (с. 30).

Бо муаллиф бояд розӣ шуд, ки дар шароити тезутунд гардидани муносибатҳои бозорӣ таъмини рақобатпазирии маҳсулот мушкил мегардад, ки ин ҳолат такмили низоми идоракунии рақобатпазириро талаб менамояд. Вобаста ба ин, чораёни ташаккулёбӣ ва такмили низоми идоракунии рақобатпазирии маҳсулот бояд марҳилаҳои зерин, аз он ҷумла муайянкунии мақсадҳои низоми идоракунӣ; таҳлили чораёни ноилгардӣ ба мақсадҳо ва муайян намудани сохтори низоми идоракунӣ; муайянкунӣ ва ташаккулёбии таркиби низоми идоракунӣ; коркарди сохтори низоми идоракунӣ; ташаккули технологияи идоракунӣ; таҳлили низоми иттилоотӣ вакоркарди модели иттилоотии низоми идоракунӣ ва таъминоти кадриро дар бар гирад (с. 38-39).

Воқеан, муаллиф дуруст қайд менамояд, ки самаранокии идоракунии рақобатпазирии маҳсулот дар ҳамон ҳолат таъмин карда мешавад, агар фаъолнокии унсурҳои низоми идоракунӣ таъмин гардад. Сатҳу сифати идоракунии рақобатпазирии маҳсулот то дараҷае аз мавҷудият ва истифодаи афзалиятҳои рақобатнокии маҳсулот низ вобаста мебошад (с.47). Вобаста ба ин, аз нигоҳи муаллиф барои ташаккули афзалиятҳои рақобатнокии маҳсулот бояд аз тарафи мутахассисони соҳа, корхонаҳои саноатӣ ва давлат корҳои зарурӣ, ки дар алгоритмаи боло ба низоми муайян даровара шудаанд, анҷом дода шавад.

**Дар боби дуюм “Таҳлили ҳолати муосир ва низоми идоракунии рақобапатзирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон”** таҳлили вазъи муосири корхонаҳои саноати сабук гузаронида шуда, сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳо дода шудааст. Ҳамзамон, омилҳои дохилӣ ва берунии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таҳлил ва арзёбӣ гардидаанд (саҳ. 63-120).

Муаллиф зимни таҳқиқоти худ вазъи муосири корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлилу баррасӣ намудааст (с. 63-77).

Дар заминаи таҳлили гузаронидашуда иброз менамояд, ки ҳаҷм ва динамикаи ӯҳдадориҳои корхонаҳои саноатӣ ба сатҳи рақобатпазирии маҳсулот таъсири худро мерасонанд. Нишондиҳандаҳои мустақими рақобатпазирии маҳсулот бевосита аз нишондиҳандаҳои молиявии қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ вобаста мебошанд. Чунки устувории фаъолияти сармоягузорӣ, пешрафти самтҳои алоҳидаи фаъолият ва дар маҷмуъ пардохтпазирии корхонаҳои саноатӣ аз динамика ва бузургии ҳаҷми қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ вобаста мебошанд (с.64).

Ҳамзамон, қайд карда шудааст, ки яке аз масъалаҳои муҳимми таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук сатҳи истифодаи иқтидори истеҳсолии онҳо мебошад. Дар амалияи корхонаҳои саноати сабуки кишвар иқтидори истеҳсолӣ ба пуррагӣ истифода намешавад ва давоми солҳои таҳлилшаванда (2015-2020) низ истифодаи иқтидори истеҳсолӣ тамоюли камшавӣ дорад. Рақамҳои оморӣ нисбат ба масъалаи мазкур нишон медиҳанд, ки дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли нахи пахта ва истеҳсоли шоҳивории тайёр иқтидори истеҳсолии худро дар сатҳи лозимӣ истифода намебаранд (с. 66-67).

Муаллиф чунин мепиндорад, ки ҷорӣ намудани технологияи нави истеҳсолӣ имконият медиҳад, то молу маҳсулоти баландсифат ва мувофиқ ба талаботи истеъмолкунандагон, ки сатҳи баланди рақобатпазириро соҳиб аст, истеҳсол карда шавад. Баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда паст кардани сатҳи истеҳсоли маҳсулоти ноқис ва нуқсондорро талаб менамояд (с.103).

Дар кори диссертатсионӣ қайд карда шудааст, ки дар шароити кунунӣ яке аз омилҳои асосии таъмини рақобатпазирии маҳсулот хусусияти инноватсионӣ доштани он мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти баландсифату рақобатпазир аз дастрасӣ ва истифодаи техникаю технологияҳои пешқадами инноватсионӣ вобастагӣ доша, дастрасӣ ба техникаҳои инноватсионӣ ба имконниятҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ алоқаманд мебошад (с. 113 ).

Муаллиф дар таҳқиқоти хеш қайд менамояд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мушкилотҳое, ки барои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ монеа эҷод менамояд, гаронии андоз мебошад. Мушкилоти мазкур боис мешавад, то маблағҳои калон, ки бояд барои ҷорӣ намудани инноватсия, ва

техникаҳои пешқадам, ҳавасмандии истеҳсол ва фурӯш ва дар ин замина баланд бардоштани сифати маҳсулот сафарбар карда шаванд, баҳри пардохти уҳдадориҳои андозӣ равона карда мешаванд (с.117).

**Дар боби сеюм "Самтҳои асосии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон"** таҷрибаи хориҷии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, захира ва имкониятҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук дар мамлакат ошкор карда шудаанд. Ғайр аз ин, усулҳои инноватсионии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук пешниҳод карда шудаанд (саҳ. 121-180).

Зимни таҳқиқот муаллиф таҷрибаи хориҷии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабукро мавриди омӯзиш қарор дода, зикр менамояд, ки сифат яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук баромад менамояд. Аммо дар баробари нишондиҳандаи сифат боз дигар шароит ва омилҳое мавҷуданд, ки сатҳи рақобатпазирӣ аз онҳо низ вобастагӣ дорад. Низоми идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, алалхусус ба хусусияти миллии ҳар як давлат вобаста мебошад.

Ғайр аз ин, иброз намудааст, ки "таҷрибаи мамлакатҳои рушдкардаи муносибатҳои бозорӣ, инчунин таҳқиқоти охирини олимон-иқтисодчиёни давлатҳои пасошуравӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки консепсияҳои назариявию амалии мукаммалгардонии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳо дар шароити афзоиши рақобати бозорӣ ин маркетинг мебошад" (с. 122).

Арзиши баланди илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллиф захира ва имкониятҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабукро баррасӣ карда, пешниҳодоти илман асосноки хешро манзур намудааст (с. 138-156). Аз ҷумла, иброз намудааст: яке аз имкониятҳои баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ин диверсификатсия истеҳсолот мебошад, ки барои васеъ намудани номгуйи молу маҳсулот мусоидат менамояд. Диверсификатсия имконият медиҳад, ки маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ аз молу маҳсулоти истеҳсолкунандагони хориҷӣ (молу маҳсулоти воридотӣ)

афзалиятҳои фарққунанда дошта бошад (с. 139).

Ғайр аз ин, муаллиф иброз менамояд, ки бояд вобастагии молистеҳсолкунандагони маҳалӣ аз ашёи хоми воридотӣ кам карда шуда, бо истифодаи имкониятҳои мавҷуда базаи ашёи хоми баландсифатро устувор намудан зарур аст, то истеҳсоли маҳсулоти баландсифат ва рақобатпазир ба роҳ монда шавад.

Муаллиф чунин хулосабарорӣ намудааст, ки нишондиҳандаи сифат ҳамчун захира ва имконияти баландбардории рақобатпазирии маҳсулот баромад менамояд. Вобаста ба ин, дар чорчӯбаи кори диссертатсионӣ барои ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти баландсифат пешниҳодоти хешро манзур намудааст (с. 149-150).

Ба андешаи муаллиф, дар ояндаҳои дур маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук бе хусусиятҳои инноватсионӣ наметавонад дар бозорҳои дохилию берунӣ мавқеи рақобатпазириро соҳиб бошад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ дар корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ ҳанӯз таҷрибаи фаъолияти инноватсионӣ нисбатан нокифоя мебошад. Дар шароити бо суръати кайҳонӣ рушд намудани технологияи навин рақобатпазирии маҳсулоти соҳаи саноат аз инноватсия вобастагӣ пайдо мекунад (с. 160).

Дар кори диссертатсионӣ қайд карда шудааст, ки дар шароити кунунӣ мушкилоти баландбардории рақобатпазирӣ ва рушди инноватсионии соҳа яке аз масъалаҳои мубрам дониста мешавад. Дар баробари ин, пешниҳод гардидааст, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин шароити рушди инноватсиони корхонаҳои саноати сабук ҷой дорад, яъне омилҳои пурқуввати базавии рақобатпазирӣ, ба монанди захираҳои табиӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ ба муқобили инфрасохтори заиф, аз ҷумла, низоми молиявӣ, инфрасохтори базавӣ ва технологӣ, ташкили бозор ва муҳити рақобатӣ (с. 170).

**Дар хулосаву пешниҳодот** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст карда шуда, пешниҳодоти илман асоснок манзур гардидаанд (с. 154-161).

**5. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** Дар баробари дастовардҳо ва муваффақиятҳои дар боло зикршуда таҳқиқоти диссертатсионӣ аз камбудиҳо ва норасоиҳои муайян холӣ нест. Ба андешаи мо, ба сифати камбудиҳо нуктаҳои зеринро зикр намудан

мумкин аст:

1. Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ оид ба мубрамии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ зикр карда шуда, доир ба масъалаи баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудааст. Аммо, ба андешаи мо, зарурати мукаммалсозии механизми идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ба таври лозимӣ асоснок нагардидааст;

2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявию иқтисодии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, инчунин принсипҳои идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Аммо, ба равишҳои методии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ кам аҳамият дода шудааст;

3. Дар зербоби 1.2.- и диссертатсия (саҳ. 37) аз ҷониби муаллиф сохтори механизми идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар шароити муосир пешниҳод гардидааст, аммо дар механизми мазкур унсури институтсионалии идоракунии рақобатпазирӣ ҷой дода нашудааст;

4. Дар зербоби 3.2.-и таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф имкониятҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабукро таҳқиқ намуда, натиҷаҳои интизориеро, ки аз истифодаи онҳо ба даст оварда мешаванд, ошкор намудааст. Мувофиқи мақсад мебуд, агар дар қатори унсурҳои инфрасохтори бозорӣ, чунин унсурҳо ба монанди: институтсионалӣ-ҳуқуқӣ, молиявӣ-қарзӣ, сармоягузорӣ, инноватсионӣ, истеҳсолӣ ва фурӯш, иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, илмӣ-техникӣ, нақлиётӣ-логистикӣ, кадрӣ, маркетингӣ ва экологӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор мегирифтанд;

5. Баъзе ҷанбаҳои боби сеюми кори диссертатсионӣ хислати назариявӣ доранд, ки ба андешаи мо бо ҳисобҳои мушаххас бояд асоснок мегардиданд.

Аммо, камбудиҳои зикршуда хислати тавсиявӣ дошта, сатҳи баланди иҷроиши таҳқиқот ва аҳамияти амаливу назариявии диссертатсияро кам намегардонанд.

**6. Автореферат** фарогири мундариҷаи диссертатсия буда, интишороти муаллиф дар сатҳи кофӣ мундариҷаи корро дар бар

мегиранд.

7. **Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Ҳамин тавр, диссертатсияи номзадии Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзӯи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосӣ 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод карда шудааст, кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, фарогири навгониҳои илмӣ баҳри инкишофи илми иқтисодӣ ва амалияи хоҷагидорӣ доир ба масоили таҳқиқшаванда мебошад.

Ба андешаи мо, кори илмию таҳқиқотии Давлатова Розиямо Қамбаровна ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика мувофиқат намуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**муовини ректор оид ба робитаҳои байнал-**
**милалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ**
**ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷабборов Ф.А.**

Нишонӣ: *734055, Ҷумҳурии Тоҷикистан, ш. Душанбе,*
*хиёбони Борбад 48/5, Донишгоҳи байналмилалии*
*сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*
*Тел: (+992 37) 234-88-02*
*E-mail: fathullo_a@mail.ru*

**Имзои Ҷабборов Ф.А.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ**
**ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷураев Ш.Н.**